**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Раҳимӣ Миҷгона Раҳим дар мавзуи «Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол (дар заминаи ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзона ва Озар Салим)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

Диссертатсияи Раҳимӣ Миҷгона Раҳим ба таҳқиқи масъала ва мавзуъҳои муҳимми илми адабиётшиносии тоҷик – тасвири симои зан-модар дар адабиёти замони Истиқлол, заминаҳои ташаккул ва таҳаввули ин образи бадеӣ ва таъини арзишҳои адабию зебоишинохтӣ ва маърифатию ҳунарии он бахшида шудааст. Диссертант бо такя ба таҳқиқоти донишмандон ва раванди таҳаввули шеър дар ин давра шоирони замони Истиқлолро ба се насл тақсим намуда, ашъори дар мавзуи зан-модар сурудаи онҳоро таҳқиқ кардааст. Дар диссертатсия аз ҳар се насли суханварони ин давра шоироне интихоб шудаанд, ки бо таҳқиқи ашъори онҳо метавон раванди таҳаввули тасвири симои зан-модарро дар адабиёти ин давра муайян кард. Диссертант барои таъини таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озар Салимро ба сифати сарчашмаи асосӣ интихоб карда, ашъори дар ин мавзуъ сурудаи онҳоро мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор гирифтааст.

Аҳаммияти ин кори диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки бори нахуст масъалаи таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол ба таври монографӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифта, вижагиҳои таҳаввули мавзуъ муайян гардидааст. Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик мавқеъи зан-модар дар мисоли шоирони се насл, ки эҷодиёти онҳо дар миёни муҳаққиқон эътироф шудаанд, таҳқиқ шудааст. Таини мавқеи ороҳои адабӣ дар тасвирҳои шоирона ва завқи зебоишинохтии шоирони замони Истиқлол дар тасвири симои зан-модар

аз навгонии муҳимми дигари диссертатсия ба шумор меравад.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқиқ дар омӯзиш ва таҳқиқи образҳои шеърӣ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, аз ҷумла адабиёти муосири тоҷик, барои пажӯҳишгарон маводи фаровон дода метавонад. Натоиҷи ба даст омада аз таҳқиқи мавзуъ дар шинохти хусусиятҳои асосии шеъри замони Истиқлол ва таъйини таҳаввули мавзуъҳои ҷудогана, алалхусус тасвири образҳои шеърӣ барои муҳаққиқони ҷавон ба сифати дастур хидмат карда метавонад.

Диссертатсия ба талаботи банди 31, 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия бо такя ба дастовардҳои ҷадиди илми адабиётшиносии тоҷик навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 12 мақола, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Раҳимӣ Мичгона Раҳим истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти

масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Раҳимӣ Мичгона Раҳим дар мавзуи «Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол (дар заминаи ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзона ва Озар Салим)» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Раҳимӣ Миҷгона Раҳим дар мавзуи «Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол (дар заминаи ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзона ва Озар Салим)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои дессертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Нуров Нуралӣ Норович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”;

– **Беҳрӯзи Забеҳулло** – номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Низомӣ М.З.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ М. Нарзиқул.

доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи таърихи адабиёти
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Солеҳов М.О.

«31» октябри соли 2024.